Суроға шаҳри Душанбе кучаи Канори 7а
Тел 902 99 21 12

# ҲИСОБОТИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ БА МУАССИСИ ҶДММ "ТАШКИЛОТИ СУҒУРТАВИИ ИТМИНОН"

**Ақидаи бо Тавзеҳот**
Мо тафтиши аудиторни ҳисоботи молиявии замимагардидаи ҶДММ «ТС Итминон»(минбаъд "Ташкилот"), ки аз ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ ба 31 декабри соли 2022, ҳисобот оиди фоида ва зарар, ҳисобот оиди тағйирот дар сармоя ва ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ иборат аст, гузаронидем, ки дар соли нишондодашуда ба анҷом расида ва инчунин тавсифи унсурҳои муҳими сиёсатии баҳисобгирӣ ва шарҳо ба ҳисоботи молиявиро дарбар мегирад.

Ба ақидаи мо, ба истисноп таъсири ҳолатҳои имконпазири дар қисмати асос барои изҳори ***Ақидаи бо Тавзеҳот*** овардашудаанд, ҳисоботи молиявии маҷмуии замимагардида, ҳолати молиявии Ташкилотро ба 31 декабри соли 2022, нишондодҳои молиявии он ва гардиши воситаҳои пулии онро мувофиқи талаботҳои Стандартҳои Байналмиллалии Ҳисоботи Молиявӣ (СБҲМ) инъикос менамояд.

***Асос Барои Изҳори Ақидаи бо Тавзеҳот***
Мо аудитро мувофиқи Стандартҳои Байналмиллалии Аудит (минбаъд «СБА») гузаронидем. Уҳдадориҳои мо мувофиқи ин стандартҳо дар қисмати "Масъулияти Аудиторон" оварда шудаанд. Мувофиқи Кодекси Этикии Ҳисобдорони Касбӣ ки аз ҷониби Шӯрои стандартҳои байналмиллалии этикӣ барои ҳисобдорон таҳия шудааст, мо ягон алоқаманди ба Ташкилот надорем ва ҳамчунин аз ҷониби мо қоидаҳои дигари этикӣ мувофиқи стандартҳои дар боло овардашуда риоя гардидаанд. Мо чунин мешуморем, ки далелҳои аудиторни азтарафи мо ба даст овардашуда, ҳамчун асос барои ифодаи ақидаи мо кофӣ ва мутобиқ мебошанд.

Мо диққати шуморо ба воситаҳои асосии дар тавозуни Ташкилот нишондодашуда Шарҳи 10 "Воситаҳои асосӣ" ҷалб менамоем Мувофиқи талаботи СБҲ 16 – Воситаҳои Асосӣ, Ташкилот усули арзиши бақиявиро барои ҳисоб намудани истеҳлоки онҳо истифода менамояд ва воситаҳои асосӣ дар ҳисоботи молиявӣ аз руи арзиши бақиявиашон нишон дода шудаанд. Дар вақти гузаронидани аудит мо натавонистем ки бақияи ибтидоии арзиши воситаҳои асосиро бинобар ихтилоф вуҷуд доштан байни руйхати ибтидоии воситаҳои асосии Ташкилот, ҳисоботи аудитори мустақили соли пешина, муайян намоем. Аз ин лиҳоз, бақияи софи арзиши воситаҳои асосӣ арзиши воқеии онро метавонад инъикос нанамояд.

Мо диққати шуморо ба Шарҳи 20 "Захираҳои ҳисобшуда" ҷалб менамоем, ки Ташкилот дар мавриди ташкилкунии захираҳо оид ба зарари суғуртавӣ аз руи талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти рақами 94 аз 28 феврали соли 2015 "Дар бораи тартиб ва меъёрҳои тарҳҳои ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравии суғурта" амал мекунад. Сарфи назар аз он, ки Ташкилот захираро мутобиқӣ Қарори Ҳукумат ташкил намудааст, ба ақидаи мо захираҳои ташкилшуда ба талаботи Қарори мазкур мутобиқат намекунанд.

***Масъулияти роҳбарият барои омодасозии ҳисоботи молиявӣ***
Роҳбарияти Ташкилот барои тайёр намудан ва дуруст пешниҳод намудани ҳисоботи молиявии мазкур дар мувофика бо Стандартҳои Байналхалқии Ҳисоботи Молиявӣ масъулиятро ба дӯш дорад. Масъулияти мазкур иборат аст аз: коркардабарой, ҷорӣ сохтан ва дастгирӣ намудани низоми назорати дохили, бо мақсади таъмини шароити мусоид баҳри дуруст тайёр ва пешниҳод намудани ҳисоботи молиявӣ, ки холӣ аз хатогиҳои назарраси дар натиҷаи аз рӯи виҷдон кор накардан ва ё хатогиҳои тасодуфи рухдода ба амал омадаанд, интихоб ва ҷорӣ намудани сиёсати ҳисобдории муносиб, инчунин истифода бурдани баҳодиҳии муҳосибии асоснок мувофиқ ба мавридҳои мавҷуда.

***Масъулияти аудиторон барои аудити ҳисоботи молиявӣ***
Максади мо ба даст овардани боварии кофӣ, ки ҳисоботи молиявӣ таҳрифи ҷиддӣ бо сабабҳои хатогӣ ё амалҳои мусолиҳакорона надорад ва дар тартиб додани

хулосаи аудиторӣ, ки изҳори ақидаи моро дар бар мегирад. Боварии кофӣ ин дараҷаи баланди боваринокиро ифода мекунад, аммо барои ҳама вақт дарёфт намудани хатогиҳои назаррас, ки дар раванди тафтиши аудитории мувофиқи СБА гузаронидашуда, кафолат намедиҳад. Таҳриф метавонад натиҷаи хатогӣ ё амалиётҳои мусолиҳакорона бошад ва назаррас ба ҳисоб меравад, агар бо асос тахмин карда шавад, ки дар алоҳидагӣ ё дар маҷмуъ онҳо ба қарорҳои иқтисодии истифодабарандагон, ки дар асоси ҳамин ҳисоботи молиявӣ қабул кардашаванда таъсир расонанд.

Дар доираи аудит, ки мутобиқи СБА гузаронида мешавад, мо мулоҳизаҳои касбиро қабул менамоем ва нобоварии касбиро (профессиональный скептицизм) дар тамоми мӯҳлати санҷиши аудиторӣ нигоҳ медорем. Ғайр аз ин, мо амалҳои зеринро иҷро менамоем:

- хатарҳои таҳрифи ҷиддии ҳисоботи молиявиро дар натиҷаи амалҳои мусолихакорона ва ё хатогиҳо ошкор ва баҳогузорӣ менамоем;
- далелҳои аудиториро, ки ҳамчун асос барои ифода намудани ақидаҳои мо кофӣ ва мутобиқ мебошанд, ба даст меорем. Хатари ошкор накардани таҳрифи ҷиддии дар натиҷаи амали мусолихакорона ба вуҷудомада, назар ба хатари ошкор кардани таҳрифи ҷиддии дар натиҷаи хатогӣ ба вуҷудомада баландтар мебошад, зеро амалҳои мусолихакорона метавонанд забоняккунӣ, сохтакорӣ, иҷозати қалбакӣ, пешниҳоди маълумоти таҳрифшуда ва е амалхри берун аз низоми назорати дохилиро дар бар гирад;
- фаҳмиши низоми назорати дохилиро, ки барои аудит аҳамият дорад, бо мақсади коркарди расмиёти аудиторӣ, ки ба вазъият мутобиқат менамояд, вале на ба мақсади ифода намудани ақида оид ба самаранокии низоми назорати дохилии Ташкилот, ба даст меорем;
- хусусияти дахлдори сиёсати баҳисобгирӣ ва асоснокии баҳогузории муҳосиботӣ ва ошкорнамоии дахлдори маълумоти аз тарафи Роҳбарият омодашударо баҳогузорӣ менамоем;
- дар бораи системаи назорати дохилии марбут ба аудит бо мақсади таҳияи қоидаҳои аудити дар шароитҳо мувофиқ, вале на бо мақсади изҳори фикру мулоҳиза дар бораи самаранокии низоми назорати дохилии аудитор;
- дар бораи қонунӣ будани татбиқи иҷозат дар бораи фаъолияти бефосила аз тарафи Роҳбарият хулоса мебарорем, дар асоси далелҳои аудитории бадастовардашуда дар бораи он ки оё номуайянии ҷиддӣ вобаста ба ҳодисаҳо ва ё шароитҳо, ки дар натиҷаи онҳо метавонад шубҳаи ҷиддӣ дар қобилияти Ташкилот оид ба давом додани фаъолияти бефосила ба вуҷуд ояд, вуҷуд дорад ё не, хулоса мебарорем. Агар мо вобаста ба мавҷуд будани номуайянии ҷиддӣ ба хулоса оем, пас мо бояд диққати махсусро дар хулосаи аудитории худ вобаста ба ошкорнамоии маълумоти дахлдор дар ҳисоботи молиявӣ ҷалб намоем ва агар чунин ошкорнамоии маълумот номутобиқ бошад, пас мо бояд ақидаи худро такмил диҳем. Хулосаҳои мо ба далелҳои аудиторӣ, ки то санаи хулосаи аудитории мо ба даст оварда шудааст, асос ёфтааст. Вале ҳодисаҳои оянда ва ё шароитҳо метавонанд ба он оварда расонанд, ки Ташкилот қобилияти давом додани фаъолияти бефосилаи худро гум намояд;
- ба пешниҳодкунии ҳисоботи муҳосиби умуман, таркиб ва мазмуни он, бо назардошти эзоҳи ахборотҳо, инчунин амалиётҳо ва воқеаҳое, ки асоси ҳисоботи солонаи муҳосибӣ ва таъмини боэътимодии онро нишон медиҳанд, баҳо мегузорем.

Мо ҳамкории мутақобилаи маълумотиро бо шахсоне, ки барои идоракунии корпоративӣ ҷавобгӯ мебошанд, амалӣ намуда, ба маълумоти онҳо ғайр аз ҳама чизҳои дигар, маълумотро дар бораи ҳаҷм ва мӯҳлати аудити банақшагирифташуда, инчунин дар бораи мулоҳизаҳои ҷиддӣ оид ба натиҷаи аудит, аз он ҷумла камбудиҳои ҷиддии низоми назорати дохилӣ, ки мо дар ҷараёни аудит ошкор менамоем, мерасонем.

Санҷиши аудиториро мо мусби арзёби менамоем.

Гадоев И.К.
Директор
Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон
Аз 28.12. соли 2021, тахти №6/Ф6 ФАС №0000008

**ҲИСОБОТ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ**
**ДОРОИҲО БА 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022**
*(бо сомонӣ)*

| Номгӯи ҳисоботҳо | шарҳ | 2022 | 2021 |
|---|---|---|---|
| **Дороиҳои гардон** | | | |
| Воситаҳои пулӣ | 6 | 387 847,54 | 320 771,25 |
| Сармоягузории кутоҳмудат | 7 | 1 873 276,00 | 1 412 500 |
| Дигар қарздории дебитори | 8 | 140 160,62 | 122 118,64 |
| Хароҷотҳои пешпардохтшуда | 9 | 1 994,00 | 1 994,00 |
| **Ҳамаги дороиҳои гардон** | | **2 403 278,16** | **1 857 383,89** |
| **Дороиҳои ғайригардон** | | | |
| Воситаҳои ассоси | 10 | 118 998,17 | 118 998,17 |
| Фарсудашавии ҷамъшудаи воситаҳои ассоси | 11 | 78 207,91 | 73 474,42 |
| Дороиҳои ғайримоди | 12 | 5 753,33 | 6 575,24 |
| Сармоягузориҳои дарозмудат | 13 | 828 500,00 | 898 500,00 |
| Ҳисоббаробаркуниҳои суғурта ва аз нав суғуртакунӣ | 14 | 27 276,10 | 24 041,60 |
| Ҳисаи дубораи суғуртакунандагон дар захираҳои суғурта | 15 | 68 122,08 | 12 177,76 |
| **Ҳамаги дороиҳои ғайригардон** | | **970 441,77** | **986 818,35** |

**Аз ҷониби роҳбарият:**

---------------------------

**Эсоев Н.Т.**
**Директор**

---------------------------

**Давлятова Т.В.**
**Сармуҳосиб**

**ҲИСОБОТ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ**
**УҲДАДОРИҲО БА 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022**
*(бо сомонӣ)*

| Номгӯи ҳисоботҳо | шарҳ | 2022 | 2021 |
|---|---|---|---|
| **Уҳдадориҳои ҷорӣ** | | | |
| Қарздории кредиторӣ тиҷоратӣ | 16 | 4 262,96 | 899,46 |
| Ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати ҳисобкардашуда | 17 | 33 326,97 | 291,81 |
| Андозҳо барои пардохт | 18 | 5 253,00 | 0,00 |
| Ӯҳдадориҳо аз рӯи шартномаҳои суғурта ва аз нав суғуртакунӣ | 19 | 9 455,20 | 32 081,59 |
| **Ҳамаги уҳдадориҳои ҷорӣ** | | **52 298,13** | **33 272,86** |
| Захираҳои суғуртавӣ | 20 | 827 729,98 | 352 333,22 |
| **Ҳамаги уҳдадорӣ** | | **880 028,11** | **385 606,08** |
| **Сармояи худӣ** | | | |
| Сармояи эълоншуда (оинномавӣ) | 21 | 2 000 000,00 | 2 000 000,00 |
| Фоидаи тақсимнашуда | 22 | 113 356,69 | 78 261,03 |
| Сармояи захиравӣ | 23 | 380 335,13 | 380 335,13 |
| **Ҳамаги сармоя** | | **2 493 691,82** | **2 458 596,16** |
| **Ҳисобҳои ғайрибалансӣ** | | | |
| Воситаҳои ассосӣ ба иҷора гирифташуда | 24 | 3 000,00 | 3 000,00 |
| Ӯҳдадориҳои таъминотӣ ва пардохтҳои гирифташуда | 24 | 132,63 | 146,90 |
| **Ҳамаги ҳисобҳои ғайрибалансӣ** | | **3 132,63** | **3 146,90** |

**Аз ҷониби роҳбарият:**

---------------------------- 
**Эсоев И.Т.**
**Директор**

---------------------------- 
**Давлятова Т.В.**
**Сармуҳосиб**

# ЧДММ “ТАШКИЛОТИ СУҒУРТАВИИ ИТМИНОН”

**ҲИСОБОТ ОИДИ ФОИДА ВА ЗАРАР**
**ФОИДА ВА ЗАРАР БА 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022**
*(бо сомонӣ)*

| **Номгӯи ҳисоботҳо** | Шарҳ | **2022** | **2021** |
|---|---|---|---|
| **Даромади амалиётӣ** | | | |
| Мукофот аз рӯи шартномаҳои суғуртавӣ | 25 | 2 221 173,40 | 1 267 735,41 |
| Баргардонии мукофотҳои суғуртавӣ | 26 | -3 253,53 | -1 177,93 |
| **Ҳамаги даромади амалиётӣ** | | **2 217 919,87** | **1 266 557,48** |
| **Хароҷотҳои амалиётӣ** | | | |
| Хароҷоти фурӯш | 27 | 94 081,02 | 41 316,81 |
| Хароҷотҳои умумӣ ва маъмурӣ | 28 | 1 327 486,32 | 982 704,71 |
| Пардохтҳо аз рӯи шартномаҳои суғурта ва аз нав суғурткунӣ | 29 | 101 180,50 | 76 702,34 |
| Ташаккули захираҳои техникӣ | 30 | 419 452,44 | 57 421,46 |
| **Ҳамаги хароҷотҳои амалиёти** | | **1 942 200,28** | **1 158 145,32** |
| **Даромад ва хароҷот аз рӯи фаъолияти ғайриамалиётӣ** | | | |
| Даромадҳо аз фаъолияти ғайриамалиётӣ | 31 | 277 053,56 | 55 718,27 |
| Хароҷотҳо аз рӯи фаъолияти ғайриамалиётӣ | 32 | 414 480,60 | 22 830,57 |
| **Ҷамъ андоз то андозбандишаванда** | | **138 292,55** | **141 299,86** |
| **Хароҷоти (даромади) андоз аз фоида** | | 24 935,86 | 63 038,83 |
| **Фоида (Зарари) софи давраи ҳисоботи** | | **113 356,69** | **78 261,03** |

**Аз ҷониби роҳбарият:**

**Эсоев И.Т.**
**Директор**

**Давлятова Т.В.**
**Сармуҳосиб**

# ҶДММ “ТАШКИЛОТИ СУҒУРТАВИИ ИТМИНОН”

**ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ САРМОЯИ ХУДӢ БА 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022**
*(бо сомонӣ)*

| | Сармояи оинномавӣ | Фоидаи тақсимнашуда | Сармояи иловагӣ | Фонди захиравӣ | Ҳамагӣ: |
|---|---|---|---|---|---|
| Бақия дар 1 января с.2021 | 2 000 000,00 | | | | 2 000 000,00 |
| Тасҳеҳ дар ҳисоботи молиявӣ | | | | | |
| Тағйиротҳо дар сармояи ойномавӣ | | | | | |
| Фоидаи тақсимнашудаи соли ҷорӣ | | 113 356,69 | | 380 335,13 | |
| Тағйирот дар фондҳо | | | | | |
| **Бақия дар 31 декабря с.2021** | **2 000 000,00** | **113 356,69** | | **380 335,13** | **2 493 694,82** |

Аз ҷониби роҳбарият:

**Эшев Н.Т.**
**Директор**

**Давлятова Т.В.**
**Сармуҳосиб**

# ҶДММ "ТАШКИЛОТИ СУҒУРТАВИИ ИТМИНОН"

**ҲИСОБОТ ОИДИ ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ БА 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022**
*(бо сомонӣ)*

| | Шарҳ | 2022 | 2021 |
|---|---|---|---|
| **ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТӢ** | | | |
| **Фоида/(Зарар) то андозбандӣ:** | 33 | 138 292,55 | 141 299,86 |
| **Тасҳеҳҳо оид ба моддаиҳои ғайри пулӣ:** | | - | - |
| Истеҳлокӣ ва хурдашавӣ | | 5 555,40 | 9 063,64 |
| Тағйирот дар андозҳои пешпардохтшуда | | 17 225,09 | -34 370,40 |
| Тағйирот дар амонатҳои муҳлатнок | | 460 776,00 | 54 000,00 |
| Тағйирот дар захираи суғуртавии барои руйпуши зарар | | -450 196,10 | -53 356,07 |
| Тағйирот дар захираи суғуртавии бознаёфташуда | | 30 743,60 | -1 065,39 |
| Суди сахмияҳои пардохтшуда | | 68 869,71 | 411 613,06 |
| Андоз аз фоидаи пардохтшуда | | -24 935,86 | -63 038,83 |
| **ҲАМАГИ ХАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТӢ** | | **246 330,45** | **456 893,64** |
| Зиёдшавӣ/камшавии воситаҳои пулӣ | | -12 624,35 | 22 630,96 |
| **ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ БА АВВАЛИ СОЛ** | | **27 089,34** | **4 458,38** |
| **ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ БА ОХИРИ СОЛ** | | **14 464,99** | **27 089,34** |

Аз ҷониби роҳбарият:

---

Эсоев И.Т.
Директор

---

Давлятова Т.В.
Сармуҳосиб